**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кулоби вилояти Хатлон», барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа(PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902-Сабзавотпарварӣ пешниҳод шудааст.**

Сабзавотпарварӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб як аз самтҳои муҳими кишоварзӣ буда, парвариши он дар заминҳои кушод ба роҳ монда шудааст. Барои ба роҳ мондани технологияи парвариши сабзавотпарварии муосир дар майдонҳо, исифодаи дастовардҳои илмӣ- техникӣ ва тачрибаҳои пешрафтаи сабзавотпарварии ватанию хоричӣ талаботи замон аст.

Дар шароити Тоҷикистон, яке аз сабзавоти маъмули зиёд истифодашавандаи аҳолӣ, бехпиёз мебошад. Коркарди баромадани агротехникникаи парвариши навъҳои пиёз, дар шароитҳои гуногуни иқлимӣ масъалаи мубрами рӯз буда, таъмини он ҳамчун маҳсулоти маҳсулоти барвақтию дерӣ дар фаслҳои гуногуни солро дарбар мегирад.

Баланд бардоштани маҳсулнокии парвариши бехпиёз ва илман асоснок ба роҳ мондани парвариши он, имрӯз талаботи рӯз мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ оид ба технологияи парвариши бехпиёз дар шароитҳои гуногуни иқлимӣ гузаронида шудааст, лекин истифодаи нуриҳои органикию минералӣ вобаста ба парвариши навъҳои гуногуни имрӯза дар минтақаҳои гуногун таҳқиқотҳо гузаронида нашудааст. Аз ин рӯ гузаронидани корҳои илмӣ – тадқиқотӣ бо мақсади омӯзиши равандҳои нашъу нумӯ, баланд бардоштани маҳсулнокӣ дар минтақаҳои гуногун ва таъмин намудани аҳолии ҷумҳурӣ, масъалаи мубрами имрӯзаи илм мебошад. Шароити хоку иқлими минтақаи Кӯлоб барои парвариши бехпиёзи навъҳои мухталиф дар мавсимҳои гуногун бо мақсади таъмини аҳолии шаҳрҳои саноатии кишвар имкониятҳои фароҳам дорад.

Қобили қайд аст, ки худи унвончӯй бевосита кори диссертатсияро иҷро намуда, натиҷаи илмии ба даст овардашуда, самараи таҳқиқоти мустақилонаи ӯ мебошад.

Саҳми муаллиф дар ҷамъ овардани натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидаи ӯ назаррас буда таҷрибаҳои саҳроии лайёқати баҳодиҳии натиҷаҳои анҷомёфтаи илман асоснокшуда мебошад.

Кулиев Кудратулло Ҳабибуллоевич аз рӯйи натиҷаҳои кори

диссертисионии худ мустақилона 17 мақола илмӣ нашр намудааст, ки аз он 8 тояш дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА - и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст. Натиҷаҳои кори таҳқиқотии ӯ дар маводҳои конфренсияҳои илмии ҷуҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр гардидааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кулоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа(PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902-Сабзавотпарварӣ пешниҳод гардидааст, кори илмии бисёрсола ба шумор рафта, дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа(PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902-Сабзавотпарварӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Доктори илмҳои биологӣ,
аз рӯйи ихтисоси 03.00.12-физиология растаниҳо,
узви вобастаи АМИТ, профессори ДАТ
ба номи Ш.Шоҳтемур Гулов С.М.
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
Хиёбони Рӯдакӣ-146, ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур
тел: (+992) 918-78-99-54, E-mail: sgulov@ gmail.com

Имзои С.М. Гулов-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.
06 февралии соли 2026.

Суроғаи муассиса: 734003, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ 146, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. Тел.: 908-08-73-12, E-Mail.: rectortau31@mail.ru